Замимаи 1

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 31 декабри соли 2014 № 808

тасдиқ шудааст

# СТРАТЕГИЯ ОИД БА ҒИЗО ВА ФАЪОЛИЯТИ ҶИСМОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2015-2024

**Душанбе - 2014**

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

АО ПҶТ - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

АСМСНС - Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

БУО - Барномаи умумиҷаҳонии озуқавории Созмони Милали Муттаҳид

ВМИ ҶТ - Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВТҲИА ҶТ - Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВК ҶТ - Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДДТТ - Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино

ДМТ - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

КҶВС - Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

КБИ - Кумитаи байни идоравӣ

МИКП - Маркази илмию клиникии педиатрии ВТҲИА ҶТ

МҶИС - Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ

МҶКБД - Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои дилшиносӣ

МҶКЭ - Маркази ҷумҳуриявии клиникии эндокринӣ

МҶҒ - Маркази ҷумҳуриявии ғизо

МҶТТҲС - Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим

ПИТ ғизо - Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии ,Ғизои,-и Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

ПИТГЭ - Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии гастроэнтерология

ПИТТПТ - Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии тибби профилактикии Тоҷикистон

РТХТМКТО - Раёсати ташкили хизматрасонӣ ба модарону кӯдакон ва банақшагирии оилаи ВТҲИА ҶТ

ТБ - Ташкилотҳои байналмилалӣ

ТУТ - Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ

ХНДСЭ - Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ

ФАО - Ташкилоти озуқаи кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид

ЮНИСЕФ - Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид

## 1. МУҚАДДИМА

1. Норасоии ғизо (ҳам норасоии ғизо ва ҳам вазни барзиёд) яке аз масъалаҳои ниҳоят ҷиддии глобалии саломатӣ мебошад, ки айни замон ба он аҳамияти кам дода мешавад. Хисороти иқтисодӣ, зарар барои саломатӣ ва талафоти умри одамон хеле зиёд буда, он аксар вакт ба оилаҳои камбизоат ва занону кӯдакон таъсир мерасонад. Норасоии ғизо якҷоя бо бемориҳои сироятии такроршаванда ҳар сол боиси фавти тақрибан 3,5 миллион модару кӯдак мешавад. Ғайр аз ин, чунин ҳолат сабабгори талафоти зиёди иқтисодӣ ва инсонӣ барои рушди миллат мегардад.

2. Намудҳои нисбатан паҳншудаи норасоии микроэлементҳо ин камхунӣ мебошад, ки асосан бо норасоии оҳан вобаста буда, хатари бо вазни кам таваллуд шудани кӯдаконро зиёд мекунад, инкишофи ҷисмониро суст мегардонад ва метавонад сабабгори фавти 19 фоизи кӯдакон ҳангоми таваллуд гардад. Бемориҳои вобаста ба норасоии йод (минбаъд "БНЙ")шакли бештар паҳншуда дар ҷаҳон мебошад ва ҳарчанд пешгирии он осон бошад ҳам, сабабгори зарар дидани мағзи сари кӯдакон мегардад. Норасоии витамини А қобилияти худмуҳофизатии организмро ба муқобили сироятҳо суст намуда, дар тамоми ҷаҳон аз он қариб 190 миллион кӯдакони то синни мактабӣ азият мекашанд. Норасоии руҳ системаи масуниятро суст гардонида, ҳар сол сабаби фавти 430000 кӯдакон мешавад (китобхонаи электронии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (минбаъд "ТУТ") оид ба далелҳо ҷиҳати амалиёт дар соҳаи ғизо).

3. Ғайр аз ин, давлатҳои рӯ ба инкишоф бо мушкилии нав рӯ ба рӯ шудаанд, ки бо афзоиши бемориҳои ғайрисироятӣ (минбаъд "БҒС") вобаста буда, яке аз сабабҳои асосии онҳо истеъмоли ғизои носолим ва танзимнашуда мебошад. Маҳз ҳамин сабаби асосии фавт дар ҷаҳон нисбат ба ҳамаи сабабҳои дигар дар маҷмӯъ ба ҳисоб меравад.

4. Вазни барзиёди бадан ва фарбеҳӣ низ аз омилҳои муҳими таҳдид ба саломатӣ дар мамлакатҳое, ки сатҳи паст ё миёнаи даромад доранд, мебошад. Айни замон, дар минтақаи аврупоии ТУТ аз 30 то 60 фоизи аҳолии калонсол ва 20 фоиз кӯдакон вазни барзиёди бадан дошта, аз фарбеҳӣ азият мекашанд. Паҳншавии фарбеҳӣ минбаъд низ меафзояд ва болоравии он дар байни табақаҳои аҳолии камбизоат зиёд мегардад. Вазни барзиёди бадан ва фарбеҳӣ ба саломатии одамон ва низоми тандурустӣ бори гаронро пеш овардааст.

5. Ғизои солим аз давраи синамаконӣ (минбаъд "СМ") ва саривақт додани ғизоҳои иловагӣ оғоз мешавад. СМ ҳамеша ҳамчун усули беҳтарини ғизодиҳӣ дар синни барвақтии ҳаёт эътироф гардидааст ва ҳарчанд механизмҳои он то ҳол пурра муайян нашуда бошанд ҳам, бо кам шудани хатари фарбеҳшавӣ, норасоии ғизо (нимгуруснагӣ) ва бемориҳои сирояткунанда дар айёми кӯдакӣ вобастагӣ дорад.

6. Таъмин будан бо маҳсулоти озуқаворӣи бехатар ва ғизои танзим шуда, заминаи муҳими саломатии хуб ба ҳисоб меравад. Дар Эъломияи якҷояи ФАО/ТУТ оид ба ғизо дар соли 1992 омадааст, ки "...дастрасӣ ба маҳсулоти озуқаворӣи мувофиқ ва бехатар яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон мебошад".

7. Вайроншавии таркиби ғизо ба зиёдшавии фавти занон мусоидат мекунад. Ғизои номуносиби модарон ва кӯдакон дар тамоми ҷаҳон ҳар сол ба фавти 3,5 миллион одамон оварда расонида, сабабгори 35 фоизи тамоми бемориҳои кӯдакони аз панҷсола хурд мегардад. Вайроншавии низоми истеъмоли ғизои кӯдакон ва калонсолон метавонад барои саломатӣ ва таҳсилоти онҳо, инчунин барои захираҳои инсонӣ ва рушди давлат ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

8. Дар Стратегияи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- арзиши биологӣ - нишондиҳандаи сифати сафедаи ғизо, ки дараҷаи мутобиқати таркиби аминокислотаи онро ба талаботи организм ба аминокислотаҳо барои синтези сафеда муайян менамояд;

- детерминантҳои саломатӣ - маҷмӯи омилҳои инфиродӣ, иҷтимоӣ, иктисодӣ ва экологие, ки вазъи саломатии шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои аҳолиро муайян менамоянд;

- тандурустӣ - ин низоми чорабиниҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва тиббие мебошад, ки сатҳи баланди ҳифз ва беҳтар намудани саломатии аҳолиро таъмин менамояд;

- тарзи ҳаёти солим - шакл, намуд ва усулҳои фаъолияти ҳаётии инсон, ки барои ҳамин форматсияи ҷамъиятию иқтисодӣ хос буда, имкониятҳои мутобиқшавии организми онро мустаҳкам гардонида, барои аз ҷониби ӯ ба таври пурра анҷом додани функсияҳои иҷтимоӣ ва ноил шудан ба дарозумрӣ мусоидат менамояд;

- сифати маҳсулот - маҷмӯи тавсифҳое, ки хусусияти истеъмолии маҳсулоти хӯроквориро ташкил дода, бехатарии онро барои инсон таъмин менамояд;

- муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ - фаъолияте, ки ба коркард, истеҳсол, коркарди дубора, харид, таҳвил, нигоҳдорӣ, ба қаламрави Ҷумҳурӣ ворид намудан, интиқол, фурӯш, истифодабарӣ ва нобуд сохтани маҳсулоти хӯрокворӣ вобаста мебошад;

- тандурустии ҷамъиятӣ - ин илм ва амалияи пешгирии бемориҳо, идома додани зиндагӣ ва таъмини саломатӣ тавассути кӯшишҳои муташаккилонаи ҷамъият мебошад;

- кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (минбаъд ,КАТС,) - ҷузъи асосии низоми тандурустии ҳар давлат, хадамоти асосии расонидани кӯмаки тиббию санитарӣ мебошад, ки тибқи принсипи ,аз музофот ба марказ, созмон ёфтааст. КАТС қисми таркибии рушди иҷтимоию иқтисодии ин ё он кишвар ба ҳисоб меравад;

- маҳсулоти хӯрокворӣ - маҳсулоте, ки онро инсон дар шакли табиӣ ё коркардшуда дар хӯрок истеъмол менамояд, аз ҷумла маҳсулоти ғизои кӯдакон, маҳсулоти ғизои парҳезӣ, оби нӯшокии дар зарф ҷойкардашуда, маҳсулоти спиртӣ, оби ҷав, нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, сақич, инчунин маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, иловаҳои хӯрокворӣ ва иловаҳои фаъоли биологӣ;

- арзиши ғизоӣ - маҷмӯи хусусиятҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, ки талаботи физиологии инсонро ба нерӯ ва моддаҳои асосии ғизо таъмин менамояд;

- маҳсулоти хӯроки кӯдакона - маҳсулоти хӯроквории, ки барои ғизои кӯдакони то 14-сола пешбинӣ шуда, ба талаботи физиологии ҷисми кӯдакон ҷавобгӯ мебошад;

- пешгирии бемориҳо - чорабиниҳое мебошанд, ки на танҳо ба пешгирии бемориҳо, ба монанди сироятнопазирӣ, мубориза ба муқобили ҳомилони беморӣ ё чорабинӣ зидди тамокукашӣ, балки ҷиҳати боздоштани рушди он равона шудаанд;

- фурӯш - фурӯхтан, таҳвил, пешниҳод намудани маҳсулоти хӯрокворӣ бо шартҳои муайян;

- ташаккули тарзи ҳаёти солим - ин масъалаи маҷмӯие мебошад, ки нисбат ба таҳқиқи тарзи ҳаёти солими аҳолӣ, инчунин таваҷҷӯҳи кормандони тиб, омӯзгорон, равоншиносон муносибати маҷмӯиро талаб намуда, ба хусусияти муҳити атрофи макроиҷтимоии инсон, фаъолияти меҳнатӣ, ҷамъиятӣ ва пешгирии он алоқаманд мебошад.

## 3. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ ВОБАСТА БО ҒИЗО ДАР ҶУМҲУРӢ

9. Амнияти озуқаворӣ. Вайроншавии низоми ғизо (ба монанди аксари давлатҳои дигар), дар Тоҷикистон, ки бо омилҳои истеъмоли ғизо ва бемориҳои вобаста ба хӯрок алоқаманд мебошанд, мисли пештара барои тандурустии ҷамъиятӣ мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Дар гузашта Тоҷикистон душвориҳои иқтисодию сиёсиро паси сар намуд, ки барои рушди иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат таъсири манфӣ расонд. Пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 1990-уми асри гузашта ва бӯҳрони вазнини иқтисодӣ, ба қашшоқии аҳолӣ ва муҳоҷирати дохилию беруна оварда расонд. Тибқи маълумоти охирини Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ,АО ПҶТ,) барои соли 2013, шумораи аҳолии Тоҷикистон 8 миллионро ташкил медиҳад, ки 3,9 миллиони он занҳо (аз он беш аз 2,1 миллион занҳои синни таваллуд) мебошанд.

10. Аз солҳои 1990-и асри гузашта шурӯъ намуда, байни аҳолии мамлакатҳои ИДМ, алалхусус дар Тоҷикистон вобаста ба озуқаворӣ мушкилоти ҷиддӣ ба қайд гирифта шуд. Дар мамлакат нисбатан кам шудани сатҳи камбизоатӣ мушоҳида гардид - аз 88 фоиз дар соли 1999 то 38 фоиз дар соли 2012, вале ҳамзамон теъдоди камбизоатӣ дар мамлакат ба таври назаррас боқӣ монд ва одамони зиёд аз бемориҳои гуногун, ки ба ғизо вобаста мебошанд, азият мекашанд. Вазъи умумӣ вобаста ба амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикистон нишон дод, ки аз шумораи дар пурсиш иштироккнамудагон дар соҳаҳои хавфи баланддошта, 24 фоиз хоҷагиҳо, аз рӯи низоми мониторинги амнияти озуқаворӣ дар соли 2011 ҳамчун ғайрикофӣ аз ҷиҳати озуқаворӣ таъминбуда арзёбӣ шуданд.

11. Тоҷикистон аз рӯи шохиси (индекси) рушди инсон ҷойи 112 ва аз рӯи шохиси нобаробарии гендерӣ ҷойи 65-умро ишғол мекунад. Соли 2008 шохиси нобаробарии гендерии мамлакат ба 0,506 ((SIGI) Social Institution and Gender Index, 2008) баробар буд, ки ин вазъи муайяни бозори меҳнат, саломатии репродуктивӣ ва имкониятҳои баробар барои мардон ва занҳоро нишон медиҳад. Шохиси нобаробарии гендерӣ пастшавии имконпазири сатҳи рушди инсонро нисбат ба нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда инъикос мекунад.

12. Синамаконӣ ва ғизои иловагии кӯдакон. Аз рӯи маълумоти Таҳқиқоти миллии ҳолати микронутриентҳо (минбаъд "ТМҲМ") дар соли 2009 ҳамаи кӯдакони синамак (98 фоиз) ҳадди ақал дар давоми 4 моҳ танҳо шири сина истеъмол намудаанд. Аммо аз 85 фоиз кӯдаконе, ки шири сина истеъмол менамуданд, дар давоми се моҳи аввали ҳаёт танҳо 65 фоиз синамакиро то панҷ моҳи аввал давом додаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки қисме аз модарон дар баробари ба синни 5 - 6 моҳагӣ расидани кӯдак синамакониро қатъ мекунанд. Тибқи таҳқиқоти тиббию демографӣ (2012) дар ҷумҳурӣ 34 фоизи кӯдакони синни то 6 моҳа танҳо шири модар ва 33,3 фоиз ғизои иловагиро истеъмол кардаанд.

13. Аз сина ҷудокунии тифлон, тибқи гуфтаи заноне, ки инро дар хотир доранд, тадриҷан амалӣ карда мешуд: 31 фоиз дар тӯли шаш моҳи аввал ва 69 фоизи онҳо то синни 12 моҳагӣ кӯдакро аз сина ҷудо кардаанд. Умуман, дар деҳот занҳо синамакониро то синни 12 - 23 моҳагии кӯдак давом медиҳанд. Тафовути гендерӣ дар СМ танҳо нисбати давомнокии он мушоҳида мешавад - писарбачаҳоро нисбат ба духтарҳо то 23 моҳ зиёдтар (мутаносибан 41 ва 27 фоиз) сина медиҳанд. Аз соли 2008 то айни замон, дар мамлакат аз 70 то 30 таваллудхона ҳамчун беморхонаҳои муносибати хайрхоҳона ба кӯдак сертификатсия кунонида шуданд.

14. ТУТ ва Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд "ЮНИСЕФ") то 6 моҳагӣ танҳо синамаконӣ ва ҷорӣ намудани ғизодиҳии иловагиро бо истифода аз маҳсулоти хӯрокврии ниммоеъ бо моддаҳои ғизодиҳандаи дахлдор аз 6 моҳагии ҳаёти кӯдак шурӯъ намуда, бо идома додани СМ то 24 моҳагӣ бо тавозуни беҳтаркардашудаи маҳсулоти ғизоӣ тавсия медиҳанд.

15. Ғизои кӯдакони синни томактабӣ, мактабӣ ва занон. Таҳлили маълумот нишон медиҳад, ки баъзе кӯдакон миқдори кофии микроэлементҳо, аз қабили йод, оҳан, витаминҳои А ва Д ва ғайраро гирифта наметавонанд; мушкилоти ғизогирии нокифоя боқӣ мемонад ва таъхири баландшавии қад яке аз падидаҳои назарраси он мебошад.

16. Аз рӯи натиҷаҳои ТМҲМ дар соли 2009, кӯдакон бештар намудҳои зерини озуқавориро истеъмол намудаанд: "гандум, нон, биринҷ, маҳсулоти макаронӣ, кулчақанд (96,7 фоиз)", "картошка ё дигар сабзавоти решадор (92,8 фоиз)" ва "дигар сабзавоту мевагиҳо (87,4 фоиз)". Танҳо 4 нафар аз 10 кӯдак чунин маҳсулотро, ба монанди лӯбиё, наҳӯд, наск, чормағз (42,6 фоиз) ва тухм (36,9 фоиз) истеъмол кардаанд. Дар масъалаи нӯшокиҳо бошад, қисми зиёди кӯдакон чойи сиёҳ ё кабуд (94,0 фоиз) ва оби ширин ё нӯшобаҳои мевагӣ (77,9 фоиз)- ро истеъмол намудаанд.

17. Омӯзиши таркиби ғизои (Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2009) кӯдакони синни мактабӣ норасоии сафедаҳои ҳайвонот, як қатор витамину (С, фолат ва ғ.) минералҳоро (калсий, оҳан ва ғ.) дар ратсионашон муайян намуд. Муқаррар карда шудааст, ки афзоиши нерӯ аз ҳисоби моно- ва дисахаридҳо, ин яке аз омилҳои инкишофи бемории вайроншавии милки дандон (кариеси дандон) дар байни мактаббачагони кишвар ба ҳисоб меравад.

18. Хусусиятҳои ғизои аҳолӣ. Тибқи маълумоти ТМҲМ (2009), занҳои дорои вазни кам, миқдори ками маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ (6-7 фоиз) нисбат ба занҳои дорои вазни кифояи бадан (тақрибан 66 фоиз) истеъмол мекунанд. Илова бар ин, танҳо 27 фоизи занҳои синну соли таваллуд, ки дар таҳқиқот иштирок доштанд, гӯшт ва маҳсулоти гӯштиро истеъмол кардаанд. Ғизогирии занҳои муоинашуда якхела буда, номгӯи ками маҳсулотро дар бар мегирад.

19. Истеъмоли миқдори ками сафедаи ҳайвонот, калсий, оҳан ва ғайраҳо хусусияти хоси хӯроккӯрии аҳолӣ буда, бештар дар вояи хӯроки онҳо кам будани маҳсулоти гӯштию шириро шаҳодат медиҳад.

20. Аз рӯи натиҷаҳои Низоми мониторинги амнияти озуқаворӣ (минбад "НМАО"), ки соли 2011 бо унсурҳои ғизо гузаронида шуд, кӯдаконе, ки танҳо сина намемакиданд (то 6 моҳагӣ), шири ҳайвонот, оби муқаррарӣ ё ширин, чой, нон ё картошка истеъмол мекарданд. Танҳо 40 фоизи кӯдакони синни 6-8 моҳа, ки пурра аз синамаконӣ ҷудо карда шуда буданд, ғизои нимсахтро дар намуди ғизои иловагӣ истеъмол менамуданд.

21. Ҳамин тавр, кӯдакон ҳамарӯза гандум ё картошка, равғану шакар, ба таври нокифоя сабзавот ва маҳсулоти гӯштию ширӣ истеъмол мекунанд, ки онҳоро солим номидан ғайриимкон аст, яъне талаботи онҳоро ба қувва ва ба моддаҳои ғизоӣ (сафедаҳои ҳайвонот, минералҳо ва витаминҳо) қонеъ гардонида наметавонад.

22. Вайроншавии низоми истеъмоли ғизо дар солҳои охир сабаби афзоиши бемориҳои вобаста ба ғизо дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст.

## 4. САРБОРИИ БЕМОРИҲОИ ВОБАСТА БА ҒИЗО

23. Норасоии ғизо. Дар Тоҷикистон тақрибан аз се як кӯдаки синни то панҷсола қадпаст мебошад (қади паст нисбат ба синнусол) ё ба норасоии музмини ғизо гирифтор шудааст ва дар ҳолатҳои алоҳида аз даҳ як кӯдак дорои вазни нокифояи бадан мебошад (вазни кам нисбат ба синнусол) ва ё аз норасоии шадиди ғизо азият мекашад.

24. Тибқи маълумоти таҳқиқоти тиббию биологӣ (2012) беш аз 26 фоизи кӯдакони синни то 5 сола ба норасоии музмини ғизо ва 10 фоизи онҳо ба норасоии шадиди ғизо (аз онҳо 4 фоиз ба норасоии шадиди дараҷаи вазнин) гирифтор мебошанд.

25. Ҳолатҳои шадиди норасоии ғизо то ҳол дар Тоҷикистон, дар ноҳияҳое, ки амнияти озуқаворӣ нокифоя аст, набудани дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар, паҳншавии бемориҳои вобаста ба ғизо ба мушоҳида мерасад. Ғайр аз ин, дар байни аҳолӣ паҳншавии назарраси БҒС, ба монанди фишорбаландӣ, ишемияи дил, диабети қанд, камхунӣ, ҷоғар, кариеси дандон, фарбеҳӣ ба назар мерасад.

26. Дар хоҷагиҳое, ки маҳсулоти озуқаворӣ парвариш карда намешавад, аз хориҷа интиқоли пулӣ намегиранд ва дар ноҳияҳои дурдаст ҷойгиранд вазъият боз ҳам ногувортар мебошад. Таҳдиди асосӣ барои амнияти озуқаворӣ дар чунин хоҷагиҳо ин сифати пасти зиндагӣ, нарасидани оби нӯшокӣ ва нархи баланди маҳсулоти асосии озуқаворӣ мебошад.

27. Вазни барзиёди бадан ва фарбеҳӣ дар байни занону кӯдакон. Дар Тоҷикистон вазни барзиёди бадан ва фарбеҳӣ паҳн гардидааст, ки ин яке аз омилҳои асосии бемориҳои диабети қанд, дилу рагҳои хунгард ва саратон мегардад. Муайян шудааст, ки 7 фоизи занҳои қобили таваллуди ҷумҳурӣ аз бемории фарбеҳӣ (қисми зиёди онҳо дар ш.Душанбе ба қайд гирифта шудааст) азият мекашанд, аз 23 то 42 фоизи онҳо бошад вазни барзиёд доранд (Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2009-2012). Алоқамандӣ байни синнусоли занон ва шохиси вазни бадани онҳо муайян карда шудааст.

28. Паҳншавии фарбеҳӣ дар байни кӯдакони сини мактабӣ (6-17 сола) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4,7 фоизро (Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2009) ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи баланди фарбеҳӣ дар байни кӯдакони синни 6-7 сола ба назар мерасад, ки бештар ба инкишофи морфологию функсионалии организми онҳо вобастагӣ дорад.

29. Паҳншавии бемории камхунӣ вобаста ба норасоии оҳан. Барои занҳои ҳомиладор ва кӯдакони хурдсол хавфи баланди камхунии вобаста ба норасоии оҳан (минбаъд "КНО") таҳдид мекунад. КНО занҳои синни таваллудро метавонад ба чунин мушкилиҳо, ба монанди вазни нокифояи бадани кӯдак ҳангоми таваллудшавӣ ва таваллуди пеш аз мӯҳлат оварда расонад, инчунин ба ҳаёти занҳо таҳдид намояд (фавти модарон). Норасоии оҳан ба афзоиш ва рушди ҷисмонию зеҳнии кӯдак таъсири манфӣ мерасонад.

30. Тибқи маълумоти ТМҲМ (2009) паҳншавии КНО дар байни кӯдакони синни 6-59 моҳа 28,7 фоиз (соли 2003 - 37,7 фоиз) ва занони қобили таваллуд 24,2 фоиз (соли 2003 - 41,2 фоиз)- ро ташкил медиҳад.

31. Ин нишондиҳанда (Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012) барои кӯдакони синни мактабӣ (7-10 сола) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 45,8 фоиз баробар аст, ки нисбати солҳои 1994-1997 тақрибан 4,2 фоиз камтар мебошад. Нишондиҳандаи баланди паҳншавии КНО (61 фоиз) байни хонандагони вилояти Хатлон ва нишондиҳандаи пасттарини он (28 фоиз) байни кӯдакони синни мактабии ш.Душанбе ба қайд гирифта шудааст. Дар зиёд гардидани КНО байни хонандагони ҷумҳурӣ афзалият ба омили алиментарӣ дода мешавад.

32. Ба тамоюли паст шудани паҳншавии КНО дар байни аҳолии Тоҷикистон нигоҳ накарда, тадбирҳои пешгирии он қобилияти ниҳоят муҳим будани худро гум накардааст, зеро ин мушкилот барои саломатии аҳолӣ ҳамчун пештара муҳим мебошад.

33. Бемориҳои вобаста ба норасоии йод. Бемориҳои вобаста ба норасоии йод маъмул буда, дар тамоми ҷаҳон паҳн гардида, аксар вақт ба эътибор гирифта намешаванд. Норасоии йод дар кӯдакон метавонад тадриҷан ба сустшавии инкишофи зеҳнӣ оварда расонад, яъне ба бемории кретинизм, инчунин муқовимати организмро ба сироятҳои гуногун паст намояд.

34. Соли 2002 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи йодноккунии намак" қабул гардид. Дар мамлакат маъракаҳои иттилоотонии доираҳои васеи ҷомеа, ки дар онҳо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва васоити ахбори умум иштирок доштанд, гузаронида шуд. Дар ҷумҳурӣ усули нисбатан дастрас ва сарфакоронаи йодноккунии намак истифода бурда мешавад, зеро нишондиҳандаҳои истеъмоли намаки йодноккардашударо метавон минбаъд низ беҳтар намуд, махсусан байни баъзе гурӯҳҳои аҳолӣ.

35. Натиҷаҳои таҳқиқоти солҳои 2009-2013 нишон доданд, ки танҳо 59 фоизи аҳолии мамлакат дар ғизо намаки йодноккардашудаи сифатнокро истеъмол намуданд. Ҳамзамон, сатҳи иттилоотонии аҳолӣ дар бораи муҳим будани истифодаи намаки йодноккардашуда тақрибан 80 фоизро ташкил медиҳад, ҳол он ки дар соли 2005 ин нишондиҳанда танҳо ба 47 фоиз баробар буд.

36. Паҳншавии БНЙ дар асоси таҳлилҳои лабораторӣи пешоби занони синни таваллуд - 58,6 фоиз (дар соли 2003 - 57 фоиз) ва кӯдакони синни то 5 сола - 52,9 фоиз (дар соли 2003 - 63,8 фоиз)-ро ташкил дод, ки аз мавҷуд будани мушкилот шаҳодат медиҳад. Вале шаклҳои вазнини БНЙ дар занон (аз 35,2 фоиз то 14,1 фоиз) ва кӯдакон (аз 40 фоиз то 9,5 фоиз) тамоюли пастшавӣ доштанд.

37. Паҳншавии БНЙ (Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012) дар байни кӯдакони синни мактабӣ (10-15 сола) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 56 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар соли 1997 барои кӯдакони синни зикргардида 58 фоизро ташкил дод, яъне 2 фоиз нисбат ба соли 2012 паст рафтааст. Новобаста ба тамоюли паст рафтани

паҳншавии ҷоғари эндемӣ ва КНО дар байни хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи баррасишаванда ҳамчун муҳим боқӣ мемонад.

38. Норасоии витамини А. Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда тақрибан 52% кӯдакони синни аз 6 то 59 моҳа дорои шаклҳои мухталифи норасоии витамини А мебошанд. Аз рӯи маълумоти тадқиқоти мазкур аз ҳама камтар иловаҳои бо витамини А дар давоми давраи ҳаштҳафтаинаи пас аз таваллуд одатан занҳое мегиранд, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва танҳо соҳиби таҳсилоти ибтидоӣ буда, оид ба даромад қашшоқтарин табақаи аҳолиро ташкил менамоянд. Тадқиқоти зикршуда ҳамчунин ошкор намуд, ки дар давоми 6 моҳи гузаронидани муоина духтарчаҳо нисбат ба писарбачаҳои ҳамсоли худ иловаҳо бо витамини А гирифтаанд. Дар мамлакат новобаста ба мавҷуд будани стратегия оид ба ,Пешгирии норасоии витамини А дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон,, барои татбиқи он тадбирҳои иловагӣ талаб карда мешаванд.

39. Дигар бемориҳои ғайрисироятии вобаста ба ғизо. Тибқи маълумоти ТУТ, 86 фоизи тамоми фавтҳо ба БҒС ва 77 фоиз ба сарбории бемориҳо рост меоянд. БҒС сарбориро ба системаи тандурустӣ мунтазам баланд мебардоранд, рушди иқтисодиро суст гардонида, некӯаҳволии аҳолиро бад месозанд.

40. Бӯҳрони иқтисодӣ ба бад шудани сатҳи ҳаёти қисми зиёди аҳолӣ мусоидат карда, ба афзоиши паҳншавии БҒС оварда расонд. Ҳамаи ин ба таври мустақим боиси паст шудани дастрасии аксари маҳсулоти озуқаворӣ ва иваз кардани онҳо ба озуқаворecho нисбатан арзони пастсифат мегардад.

41. БҒС ба маҳсулнокӣ ва сифати меҳнат таъсири манфӣ расонида, хароҷоти соҳаи тандурустиро зиёд менамояд, бинобар ин ҳам хоҷагиҳо ва ҳам давлат дар маҷмӯъ зарар мебинанд.

42. Таҳлили маълумоти оморӣ оид ба БҒС дар солҳои охир нишон дод, ки тамоюли паҳншавии фишорбаландӣ ва бемориҳои ишемиявии дил дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ ба афзоиш дорад.

43. Тибқи иттилооти ТУТ, дар аксари давлатҳои минтақаи Аврупо истеъмоли намак аз меъёри тавсияшудаи ТУТ (то 5 г/шабонарӯз) зиёд мебошад, ки ин яке аз сабабҳои асосии бемориҳои дилу рагҳои хунгард мебошад.

44. Бемориҳо (тибқи муроҷиат) ба 100 ҳазор аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Нишондиҳандаҳо | с.2003 | с.2008 | с.2009 | с.2012 |
| --- | --- | --- | --- | --- |
| 1. Бемориҳои дилу рагҳои хунгард | 1073,8 | 991,1 | 1031,3 | 1209,2 |
| - фишорбаландӣ | 260,5 | 308,5 | 346,5 | 448,6 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| - бемории ишемиявии дил | 118,8 | 139,1 | 158,5 | 200,5 |
| 2. Саратон | 35,2 | 30,4 | 36,6 | |
| - саратони ғадуди сина | 4,0 | 3,9 | 4,7 | 4,5 |
| 3. Диабети қанд | 61,9 | 49,7 | 65,6 | 60,5 |

45. Дар Тоҷикистон иттилооти илман асосноккардашуда вобаста ба арзёбии нақши омилҳои хатарноки ғизоӣ дар инкишофи фишорбаландӣ ва бемории ишемиявии дил (истеъмоли намак, қанди озод, кислотаҳои равғанӣ ва ғ. дар ғизои) вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, таҳияи лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотӣ оиди масъалаи мазкур ва амалишавии онҳо яке аз проблемаҳои афзалиятноки илми тибби кишвар ба ҳисоб меравад.

## 5. МАҚСАДИ СТРАТЕГИЯ

46. Стратегияи мазкур ин воситаи дастгирии давомот ва ҳамоҳангсозӣ буда, қисми ҷудонашавандаи сиёсати миллии рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

47. Стратегия мутобиқи моддаи 17 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Нақшаи аврупоии нави амалиёти ТУТ оид ба ғизо ва пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ дар қаринаи "Саломатӣ - 2020" таҳия гардидааст.

48. "Стратегия оид ба ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2024" мақсадҳои дарозмӯҳлати давлатро дар соҳаи ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ ҷамъбаст менамояд. Стратегия афкору дурнамои мақомоти марказии идоракунӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин афкори сохторҳои давлатӣ (аз ҷумла ташкилотҳои ғайридавлатӣ)- ро, ки фаъолияташон бо таъмини ғизо, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошад, инъикос менамояд. Стратегия тамоми табақаҳои аҳолиро дар бар мегирад, вале афзалият ба гурӯҳи хатар (кӯдакон ва занон) бо такя намудан ба беҳтар кардани ғизогирии онҳо, паст намудани сатҳи истеъмоли намак ва кислотаҳои транс - равғанӣ аз тарафи аҳолӣ дода мешавад. Диққати махсус ба нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ, ба монанди: гендер, ҳолати иҷтимоию иқтисодӣ, мансубияти этникӣ, тақвияти иқтидори ташкилию кадрӣ ва омӯзонидани КАТС ва ғ. дода мешавад.

49. Ҳамин тавр, таҳияи чорабиниҳои асоснокардашуда дар сатҳи байнисоҳавӣ барои беҳтар намудани механизмҳои мониторинг ва назорати ғизо ва андешидани чораҳои саривақтӣ ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, аҳамияти басо муҳими тиббию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ барои давлат дорад.

50. Мақсади Стратегия аз ҳифзи саломатии аҳолии кишвар тавассути беҳтар намудани ғизо ва фаъолияти ҷисмонии онҳо иборат мебошад.

## 6. НИШОНДИҲАНДАҲОИ СТРАТЕГИЯ

51. Мусоидат намудан ба синамаконӣ ва саривақт додани ғизои зарурии иловагӣ:

а) афзоиши синамаконии кӯдакон то 6 моҳагӣ ба 20%.

52. Ба таври назаррас кам намудани паҳншавии норасоии ғизо, микроэлементҳо ва фарбеҳӣ, махсусан дар байни занҳо ва кӯдакон ва дигар бемориҳои ғайрисироятии вобаста ба хӯрок то соли 2024:

а) кам кардани сатҳи КНО то 30 фоиз дар байни занони синни репродуктивӣ;

б) паст намудани сатҳи норасоии шадиди ғизо то 30 фоиз;

в) паст намудани вазни барзиёди бадани кӯдакону занон;

г) кам намудани қадпастӣ дар байни кӯдакон то 20 фоиз.

53. Истифода намудани мудохилаи аз нуқтаи назари иқтисодӣ манфиатдор (дар сатҳи байнибахшӣ) оид ба пешбурди хӯроки солим бо ёрии механизмҳои молиявӣ ва маркетингӣ:

а) мунтазам аз хӯроки аҳолӣ ихтисор намудани транс-чарбҳо;

б) то 5 грамм/шабонарӯз кам намудани истеъмоли намак;

в) мутобиқкунии қоидаҳои ба танзим даровардани рекламаҳо ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ барои кӯдакон.

54. Истеъмоли шабонарӯзии нерӯ аз ҳисоби кислотаҳои равғанӣ ва қандҳои озод (оддӣ) камтар аз 10 фоиз.

55. Истеъмоли беш аз 400 грамм/шабонарӯз меваю сабзавот аз тарафи аҳолӣ.

56. Суръат бахшидан ба фаъолият (дар сатҳи байнисоҳавӣ) дар соҳаи пешгирӣ ва назорати фарбеҳӣ (махсусан дар байни кӯдакон) тавассути татбиқи тадбирҳои аз ҷониби Хартияи аврупоӣ оид ба мубориза бо фарбеҳӣ пешниҳодшуда:

а) ташкил ва татбиқи системаи мониторинги (назорати) ҳолати ғизои аҳолӣ.

57. Таҳкими системаи мониторинги ғизои воқеӣ ва ҳолати ғизо, инчунин назорати эпидемиологии БҒС бо ишораи махсус ба гурӯҳҳои нисбатан осебпазири аҳолӣ:

а) гузаронидани таҳқиқоти даврӣ дар сатҳи миллӣ.

58. Татбиқи Стратегия дар соҳаи ғизо дастрасии умумро ба озуқаворӣ, адолати иҷтимоӣ ва баробарии гендерии вобаста ба ғизои аҳолии Тоҷикистон кафолат медиҳад.

## 7. ПРИНСИП ВА МУНОСИБАТҲОИ АСОСИИ СТРАТЕГИЯ

59. Стратегияи мазкур аз принсипҳои асосии зерин иборат аст:

- ҳуқуқи асосии инсон: ҳуқуқ ба озуқа;

- бемориҳои ғайрисироятӣ, ғизогирии нокифоя ва норасоии микронутриентҳо ба инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ монеа мешаванд;

- дастрасии умум, адолати иҷтимоӣ ва баробарии гендерӣ;

- муносибате, ки тамоми марҳилаи ҳаётро фаро мегирад;

- стратегияҳои илман асосноккардашуда;

- васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои шаҳрвандон ва ҷамъиятҳо.

## 8. ТАДБИРҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ДАХОЛАТИ СТРАТЕГИЯ

60. Тақвияти заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва методӣ. Дар сатҳи байнисоҳавӣ (бо мутахассисони пешбари вазорату идораҳо) фаъолият оиди ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои ғизо, баланд бардоштани сатҳи фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС амалӣ гардонида мешавад. Дастур ва тавсияҳо вобаста ба масъалаҳои ғизо, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС таҳия ва тасдиқ карда мешаванд.

61. Рушди илм ва иқтидори кадрӣ. Дар сатҳи байнисоҳавӣ лоиҳаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои ғизо, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС таҳия ва татбиқ карда мешавад. Дар якҷоягӣ бо мутахассисони пешбари бахшҳои дахлдори давлатӣ мутахассисҳои соҳаи ғизо тайёр карда мешавад.

62. Дар натиҷа Стратегия сатҳи хизматрасониро оид ба пешгирӣ, ташхис ва табобати БҒС (дар навбати аввал дар сатҳи КАТС) баланд мебардорад.

63. Дар баробари тадбирҳои зарурӣ оид ба мустаҳкам намудани иқтидори шахсони масъул, диққати ҷиддӣ ба таълими то- ва баъдидипломии донишҷӯён, баланд бардоштани тахассуси кормандони соҳаи тандурустӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқҳои инсон ва гендерӣ дода мешавад. Дар муассисаҳои таълимӣ барномаҳои омӯзишӣ оид ба масъалаҳои ғизо, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС ворид карда мешаванд.

64. Беҳтар намудани ғизогирии тифлон ва кӯдакони синни бармаҳал. Стратегия ба ҳавасмандгардонии минбаъдаи СМ ва амалияи дурусти додани ғизои иловагӣ, ки натанҳо шароити зарурӣро барои рушди ҷисмонӣ ва ақлӣ фароҳам меорад, балки барои пешгирии БҒС мусоидат менамояд. Барои таъмини иштироки мардон дар ташкили ғизои дуруст ва пешгирии бемориҳои вобаста ба ғизогирии нодурусти занҳои ҳомиладор ва кӯдакони синамак, инчунин нигоҳубини онҳо ҳангоми беморшавӣ, машварат додан ба ҳар ду волидайн оид ба масъалаҳои ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ ба нақша гирифта мешавад.

65. Ташкили ғизои солим барои кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ. Ташкили ғизои солими хонандагон дар сатҳи миллӣ, яке аз вазифаҳои асосии бахшҳои гуногуни ҳукуматӣ маҳсуб меёбад. Ташкилотҳои байналмилалӣ низ

дар беҳтар намудани ғизо, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС, ки муайянкунандаиояндаи миллат (унсури асосии таҳкими саломатӣ, рушди захираҳои инсонӣ ва некӯаҳволӣ) мебошад, иштирок менамоянд. Барномаи ғизои мактабӣ ба рушди ғизогирии томактабӣ ва мактабӣ мусоидат мекунад.

66. Ворид намудани ҷанбаҳои ғизогирӣ ба барномаи мактабӣ, баланд бардоштани фаъолнокӣ ва пешгирии БҒС, унсури зарурии таълимӣ маҳсуб меёбад.

67. Дар сатҳи байнисоҳавӣ дастур ва тавсияҳо оид ба ғизогирӣ, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС таҳия карда мешаванд. Ҳамчунин ба "Меъёрҳои ғизои солим, фаъолияти ҷисмонӣ ва қоидаҳои гигиенаи шахсӣ барои кӯдакон" диққати махсус дода мешавад.

68. Дохил намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқоти ТУТ оид ба мониторинги ҳолати ғизои кӯдакон ба нақша гирифта шудааст.

69. Дар доираи муносибати ТУТ оид ба истифодаи дахолатҳо бо таносуби хароҷоти кам ва самаранокӣ, назорати маркетинги маҳсулоти озуқаворӣи барои кӯдакон пешбинишуда бо таваҷҷӯҳи хоса ба муқобили рекламаи номақбул оид ба ивазкунандаҳои шири модар, истифода накардани транс-чарбҳо ва кам истеъмол намудани намак амалӣ карда мешавад.

70. Таҳияи маҷмӯи ташаббусҳо оид ба ғизо, фаъолияти ҷисмонӣ. Дар доираи фаъолияти байнисоҳавӣ маводи иттилоотӣ дар асоси тибби илман асосноккардашуда барои баланд бардоштани сатҳи дониши аҳолӣ оид ба масъалаҳои ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ таҳия карда мешавад.

71. Аз тарафи соҳаҳои зикршуда чорабиниҳо оид ба таъмини аҳолӣ бо намаки сифатноки йодноккардашуда, арзёбии сатҳи истифодаи намак ва тарнс-чарбҳо амалӣ карда мешаванд.

72. Бинобар муҳим будани омили баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии аҳолӣ дар пешгирии БҒС дар сатҳи байнисоҳавӣ татбиқ намудани як қатор чорабиниҳо, ки ба мустаҳкам намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, тайёр кардани кадрҳо, таҳияи барномаҳо оид ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш равона шудаанд ва ворид намудани онҳо ба барномаҳои таълимии томактабӣ ва мактабӣ, донишгоҳҳо ва сохторҳои дигар пешбинӣ шудаанд.

73. Нақшаи таъсири иттилоотӣ ва алоқа бо мақсади амалисозии Стратегия, ки имкон медиҳад фаъолияти воситаҳои гуногуни иттилоотӣ ҳамоҳанг гардида, байни онҳо ба манфиати тарғиби зарурии ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ синергизм ташкил карда шавад. Таҳлили маводи иттилоотӣ барои инъикоси фарқияти гендерӣ, махсусан барои гурӯҳҳои асосии хатар (ба монанди занҳои ҳомиладор ва синамакон, духтарон) таъсис дода мешавад.

74. Таҳкими ҳамкории байнибахшӣ. Механизмҳои ҳамкории байнибахшӣ ва коммуникатсия барои саривақт ва самаранок қабул намудани тадбирҳо оиди ташкили ғизои дуруст, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС пурзӯр карда мешаванд.

75. Татбиқи Стратегия ба зиммаи "Кумитаи байниидоравӣ" (минбаъд "КБИ"), ки аз шумораи мутахассисони баландихтисоси идораю вазоратҳои дахлдор (дар мувофиқа) бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад, вогузошта мешавад. Намояндагони ташкилотҳои байналмилалие, ки фаъолияташон ба масъалаҳои ғизо вобастааст ба ҳайати КБИ низ ворид карда мешаванд.

76. Замина барои таҳияи сиёсати миллӣ дар соҳаи ташкили ғизои солими аҳолии Тоҷикистон омода карда мешавад.

77. Мониторинг ва арзёбӣ. Мониторинг дар асоси назорати мунтазами нишондиҳандаҳои интихобгардида, ки ба стандарту талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд ва ба иттилооти сифатноку боэътимод ва стандартонидашуда асос мегиранд. Низоми арзёбӣ бояд иттилоотро дар бораи ғизо, фаъолияти ҷисмонӣ ва БҒС-и гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ (дар навбати аввал дар байни кӯдакону занон, кӯҳансолон, аз ҷумла ба назар гирифтани масъалаҳои фарқияти гендерӣ)-ро назорат намуда, сарбории онҳоро (аз ҷумла сарфаи маблағ) муайян менамояд.

78. Арзёбӣ - имконият медиҳад, ки маълумот аз рӯи нишондиҳандаҳо натанҳо "миқдоран", балки "сифатан" таҳлил гардида, хулоса баровварда шавад ва оид ба баланд бардоштани самарабахшии татбиқи чораҳои пешбининамуда қарор қабул гардад.

79. Арзёбии самаранокии татбиқи чорабиниҳо бо дастгирӣ ва истифодаи низоми нишондиҳандаҳои ТУТ оид ба ғизо ва фаъолияти ҷисмонӣ бо дарназардошти дохил намудани маълумоти гирифташуда ба Системаи назоратии минтақаи аврупоии ТУТ ба нақша гирифта мешавад.

80. Нишондиҳандаҳои таъсир ва таъқиб муайян карда мешаванд:

а) нишондиҳандаҳои таъсири (Стратегия) барои муайян намудани тағйироти махсус, тамоюл ва мушкилот дар соҳаи ғизо, фаъолияти ҷисмонӣ ва пешгирии БҒС истифода бурда мешаванд. Масалан: паҳншавии гипотрофияи шадид ва музмин дар байни кӯдакони синни аз 6 то 59 моҳа, КНО, БНЙ, фарбеҳӣ дар байни кӯдакону занҳо ё истеъмоли шабонарӯзии меваю сабзавот, қанд, транс-чарбҳо, намак нисбат ба меъёрҳои тавсиянамудаи ТУТ;

б) нишондиҳандаҳои таъқиби (барномавӣ ё чорабиниҳо) ба муҳлатҳои мушаххас ва амалиёти иҷрои чорабиниҳо вобастагӣ дорад.

81. Ба нақша гирифта мешавад, ки маълумот ба низоми умумии иттилоотӣ ворид карда шуда, ба назорати умумии ҳолати саломатӣ ва таҳкими робитаҳои байнисоҳавӣ саҳм гузошта мешавад.

82. Мониторинги татбиқи Стратегияи мазкур ба зиммаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ташкилоти масъул Маркази ҷумҳуриявии ғизо муайян шудааст) вогузошта шудааст. Қисми зиёди маълумотро (хусусан нишондиҳандаҳои миқдориро) Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор аз рӯи соҳаи фаъолият пешниҳод менамоянд.

83. Натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии Стратегия мунтазам дар маҷлиси КБИ баррасӣ гардида, ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда мешавад.

84. Маълумоти дар рафти мониторинг ва арзёбии татбиқи Стратегия бадастовардашуда, барои сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалие, ки фаъолияташон ба масъалаҳои ғизои аҳолии ҷумҳурӣ вобаста аст, манфиат дорад. Маводи бадастовардашуда барои таҳияи "Сиёсати ташкили ғизои солими аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" истифода бурда мешавад.

Замима